# 30 соли давлатсозии миллати тоҷик ва амалисозии ормонҳои миллӣ ҳумоюн бод!


# ТАХТИ ҚУБОД

СОЗАНДАГИЮ БУНЁДКОРӢ ҲАДАФИ МОСТ!

Рӯзнома аз моҳи майи соли 1932 нашр мешавад
ҶУМЪА, 10 сентябри соли 2021
№33-34 (8433)



kubod36@mail.ru



Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён


*Қадршиносӣ*

## БАХТИЁР МУРТАЗО-НАВИСАНДАИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН



18 август дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намояндагони касбу кори гуногун, ки дар фаъолияти корӣ натиҷаҳои назаррас доранд, мукофот ва унвону ҷоизаҳои давлатӣ супориданд.

Бо мукофотҳои давлатӣ қадрдонӣ намудани заҳмати намояндагони касбу кори гуногун ва шахсони содиқу обруманди ҷомеа рамзи сипосгузорӣ ба хизматҳои шоёни онҳо дар ҷодаи пешрафти соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ миллӣ ва бахшҳои иҷтимоӣ мебошад.

Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати мамлакат заҳмати софдилона, хизмати содиқона ва фаъолияти созандаи ҳар шахсро ба таври шоиста қадрдонӣ мекунанд.

Ҳамин тавр, дар радифи 120 нафар кормандони соҳаи илму фарҳанг, тандурустӣ, истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо, хизматчиёни давлатӣ ва соҳибкорон ҳамдиёри мо Адиби номвар Бахтиёр Муртазо бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо унвони фахрии Нависандаи халқии Тоҷикистон сарфароз шуданд.

Аз ин минбари баланд Устоди гиромиқадр, номбардори мардуми шарифи Қубодиён ва халқи азизи кишварро бо шарафёб гардиданашон бо ин унвони фахрӣ аз сидқи дил муборакбод гуфта, барояшон пеш аз ҳама тандурустӣ ва дар корҳои минбаъдаи эҷодиашон, ки доиман баҳри ободию пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол равона гардидааст қобилияту имкониятҳои зеҳнии дучандон таманно мекунем.

Унвон муборак, падари маънавии мо!

***"Тахти Қубод"***

## «МАН БА ШУМО СУЛҲ МЕОРАМ!»

**Баъд аз ҳазор сол, бале, баъд аз ҳазор сол тоҷикон соҳиби давлат шуданд. Бори охир тамаддунофари тоҷик нақши давлатдориро дар аҳди Сомониён чашида буданд. Бори дигар соли 1991 имкони таърихӣ фароҳам омад, ки тоҷикон соҳиби давлат ва шаъну шарафи миллӣ гарданд.**

**Муддате аз ин падида хурсанд будем, ки ногаҳон чанде аз чоҳталабон ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро оғоз намуда, мардумро қатлу ғорат карда, мавзеъҳои ободро ба харобазор табдил доданд. Дарё-дарё хуни тоҷик рехт, оилае набуд, ки ҷигарбандашро, сарпарасташро, ақрабои наздикашро, дӯсту ҳамсабақу ҳамкорашро аз даст надода бошад. Гуруснагӣ, саргардонӣ, тарсу харос, ноумедӣ он замон ҳама ҷоро фарро гирифта буд. Кишвар дар хатар буд, касе ба ояндаи нек бовар надошт.**

Хушбахтона, дар ҳамин лаҳзаҳои фоҷиабор Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи XYI Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд баргузор гашт, Сарвари давлат интихоб шуда, бо дили пур аз меҳр ба ҳамватанон муроҷиат карда, гуфтанд: "Ман ба шумо сулҳ меорам!". Ва бо сарбаландӣ ба қавли худ вафо намуда, ба мардуми азиятдидаи тоҷик сулҳ, ваҳдат ва ободиву озодӣ оварданд. Дигар дар кӯчаҳо бо тарсу ваҳм қадам намезанем ва барои як бурда нон соатҳо навбат намеистем. Зеро Пешвои дилсӯзу ғамхор дорем, ки дасти хурду бузургро мегирад. Ҳамин аст, ки ҳамагон нисбат ба Сарвари маҳбуби хеш бо меҳру муҳаббат сухан мегӯянд ва умри пурбаракат таманно мекунанд. Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дорои хиради азалиянд. Маҳз ба шарофати хидматҳои



*РАҲМОНЗОДА Анвар, прокурори ноҳия, мушовири адлияи дараҷаи I*

шабонарӯзиву хастагинопазирашон имрӯзҳо мо дар Ватани ободу ором ба сар мебарем. Сарвари давлат ғамхори ҳамагонанд, махсусан пирону барҷомондагон, ятимону бепарасторон. Мо аз чунин Роҳбари мушфиқу меҳрубон ифтихор дорем.

Зиҳӣ, модаре, ки чунин фарзанди накукору раиятпарвар, бунёдкору созанда, ташаббускору пешоҳанг, нотарсу далер, бараҳму хайрхоҳро ба дунё овардааст, ки дар лаҳзаҳои барои мамлакат ва халқи ҷафокашидааш душвор, сина сипар кардаву ба ҷумҳурӣ сулҳу суботи абадӣ овард.

Бале, ин ҳама ободӣ ва комёбиҳо натиҷаи талошу заҳматҳои фарзонафарзанди миллати тамаддунофари тоҷик Пешвои маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Тайи солҳои роҳбариашон мамалакат аз ҷанги хонумонсӯз раҳо ёфта, ба ояндаи неку дурахшон гомҳои устувор мегузоранд. Ҳамагон шоҳидем, ки солҳои ахир мардуми тоҷик дар тамоми соҳаҳо ба дастовардҳои назаррас комёб мегардад. Дар ин давра дар натиҷаи сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳазорҳо километр роҳҳо, ки асоси пешрафти иқтисодиёт аст, бунёду навсозӣ шуданд. Иртиботи ҳамешагии нақлиётӣ миёни ҷанубу шимоли кишвар барқарор гардид, ки ин дар рушду нумӯи шаҳру ноҳияҳои мамлакат саҳми бориз мегузорад.

Дар баробари ин, ҳазорҳо муассисаҳои таълимӣ бунёд ёфтанд, ки ба болоравии сатҳи маърифати толибилмон такони ҷиддӣ бахшиданд. Ҳамин аст, ки тайи ин солҳо муҳассилини тоҷик дар олимпиадаҳои гуногуни байналмилалӣ ширкат варзида, бо пирӯзиву комёбиҳои камназири хеш обруву нуфузи Тоҷикистони азазро дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам баландтар мебардоранд.

Чунин муваффақиятҳоро, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст овард, метавон идома дод, вале дар доираи як матлаб ғайриимкон аст. Танҳо ҳаминро бояд таъкит сохт, ки ба заҳматҳои содиқонаи Сарвари давлат на танҳо дар кишвар, балки берун аз он низ арҷ мегузоранд.

Аз ҷумла, сиёсатмадорони барҷаста Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин, Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, собиқ сарвари ҶМЧ Ху Сзинтао, аввалин Президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев, Президенти Беларус Александр Лукашенко ва даҳҳо симои ҷаҳонӣ ба хидматҳои мондагори Пешвои муаззами миллат баҳои сазовору арзанда додаанд, ки дар саҳафоти таърих бо ҳарфҳои заррин барои абад сабт шудаанд.

## ИСТИҚЛОЛ МУБОРАК!

Тоҷикистонам, муборак бод истиқлоли ту,
Рӯзу шаб, ҳам солу маҳ пайвастаи иқболи ту.
Рафт шоми тираву субҳи нишот омад кунун,
Аз пайи абре ту гӯйи офтоб омад бурун.
Офтоби сулҳу ваҳдат то абад рахшанда бод!
Бар лаби пиру ҷавонат доим ҳам ханда бод!

Тоҷикистонам, ту ҳасти майҳани озодагон,
Дур бодо аз гулистонат ҳаме дасти хазон.
Парчамат хоҳам парешон доимо болои сар,
Сарзаминат дар амон аз ҳаводис, аз хатар.
Офтоби сулҳу ваҳдат то абад рахшанда бод!
Бар лаби пиру ҷавонат доимо ҳам ханда бод!

Тоҷикистонам, болотар зи ҷон дорам туро,
Баҳри ҳифзат ҷон супорам худ бе чуну чаро.
Хонаи бахту умеди мо туӣ дар ин ҷаҳон,
Ҳамчу модар баҳри мо ҳастӣ доим меҳрубон.
Офтоби сулҳу ваҳдат то абад рахшанда бод!
Бар лаби пиру ҷавонат доимо ҳам ханда бод!

***Маҳмудҷони Абдулаҳад***
***«Тахти Қубод»***





# ТАБРИКОТИ РАИСИ НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН САДРИДДИНЗОДА БАДРИДДИН БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ 30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҲОЗИРИНИ ГИРОМӢ!**

Бо фараҳмандӣ ва садоқату эҳтиром гармтарину самимонатарин табрикоти худро ба ифтихори рӯзи Истиқлолияти давлатии кишвар ба шумо мерасонам.

Бузургтарин неъмате, ки миллати тоҷик дар охири асри гузашта ба он дастёб шуд, Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азизамон мебошад.

Расидан ба чунин озодӣ-доштани давлати соҳибихтиёр ва ба дасти хеш гирифтани сарнавишти худ омолу орзуи деринаи халқи азизи мо буд.Кӯшишу талош ва иродаи устувори миллатамон моро ба ин рӯзи пурсаодат расонд. Мову шумо хушбахттарин наслем, ки нахустин меваҳои истиқлолиятро чашида, дар барқароркунӣ ва тақвият бахшидани дастовардҳои он,ҳар яке дар ҷои худ, саҳмамонро гузошта истодаем. Мо бо чашми худ он ҳама таҳаввулоти субҳи истиқлолиятро дидем ва бо дастони худ дар бунёди имрӯзуояндаи дурахшони худ иштирок намуда, ин қасри муҳташамро дар якҷоягӣ сохта истодаем.

Мо намояндаи он наслем, ки дар зери ливои Тоҷикистони навин бо раҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хиштҳои давлати тозаҷавони худро гузоштем ва аз озмоишҳои мушкилтарин бо сари баланд гузаштем.

Сӣ сол муқаддам, 9-сентябри соли 1991 муҳимтарин воқеаи таърихии сарнавишти миллати тоҷик-Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст омад, ки барои ҳар яки мову шумо иди муқаддас ва азизтарин маҳсуб меёбад.

Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат,муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр менамояд, Истиқлолият волотарин ва боарзиштарин дастоварди миллати тоҷик дар масири даҳ асри охир буда, рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандорӣ, нишонаи ҳуввият ва озодӣ, ифтихор ва номус, бақои симои миллати соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷикон, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоламон мебошад.

Бо ифтихор метавон гуфт, ки соҳиби давлати мустақил будан шарафи бузург аст. Имрӯз вақти он расидааст, ки шукронаи муқаддасоти ҷовидона намуда, онҳоро чун гавҳараки чашм эҳтиёт ва ҳифз намоем.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳоло Тоҷикистон дар арсаи наиг қарор дорад ва ҳар як фарди бошарафу номуси кишварро зарур аст, ки бо меҳнати софдилонаву содиқона баҳри абадиву пойдории ин неъмати бебаҳову пурарзиш саъю талош намояд.Зеро маҳз бо шарофати соҳибистиқлолии давлат имрӯз ҳар фарди меҳнатқарину ватандӯсти тоҷик дар атрофи татбиқи ормонҳои сарнавиштсози миллӣ ба зиндагии шарафманди пурсаодат ва рӯзгори осуда расидааст.

Ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пурарзиштарин неъмат дар ҳамаи давраи давлатдории тоҷикон маҳсуб меёбад.

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистонро ҳамчун давлате мешиносад, ки дар ҳаллу фасли мушкилоти мубрами глобалӣ пешсаф буда, сиёсати хориҷии мутавозину пайвастаро, ки асоси онро усули “дарҳои кушода” ташкил медиҳад, татбиқ месозад.То имрӯз дар арсаи байналмилалӣ се ташаббуси глобалии Тоҷикистон дар соҳаи об дастгирӣ ёфт ва татбиқ гардид.

Ҳоло иқдоми чоруми кишвари мо оид ба даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор” барои солҳои 2018-2028, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул шудааст, дар сатҳи милливу минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мавриди татбиқ қарор дорад.

Ин дастовардҳо ва ҳамин ҳисси баланди масъулият дар назди таърихи миллати тоҷик ва тақдири имрӯзуояндаи халқи Тоҷикистон ҳар яки моро водор месозад, ки истиқлолу озодии давлатамон, яъне муқаддастарин ва бузургтарин неъмати зиндагиамонро бо тамоми ҳастӣ ҳифз кунем, ҳушёру зирак бошем, дар ғафлат намонем, заҳмат кашем ва қарзи фарзандии худро дар назди Ватани азизамон ба ҷой орем.

Мо дар шароити ҷаҳонишаваии арзишҳо ва даврони пуртазоду печидаи ҷаҳони муосир бо ҳифзи хусусиятҳои милливу таърихии халқамон роҳу равиши хосаи худро дарёфтем ва имрӯз бо ин роҳ барои бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дилпурона пеш меравем.

Истиқлоиляти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои олии давлатдорӣ, бахусус дар самти амалишавии ҳадафҳои стратегии мамлакат шароити созгорро фароҳам оварда, маҳз дар ин давра чархаи якум ва дуввуми нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор даровварда шуда даҳҳо адад неругоҳҳои хурду миёна бунёд ва таҷдиду навсозӣ гардиданд.

Таъмини истиқлолияти энергетикии кишвар ҷиҳати амалисозии ҳадафи чоруми стратегии мамлакат, яъне саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат намуда истодааст.

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушду инкишофи соҳаҳои муҳими хоҷагии халқи мамлакат, таъмини зиндагии шоистаи мардум ва шинохти асолати миллӣ заминаи боэътимод гузошта, имкон фароҳам овард, ки дар ин муддати кӯтоҳи таърихӣ бузургтарин корҳои ободонию созандагӣ ва бунёдкорӣ дар саросари кишвар ба анҷом расонида шавад. Маҳз таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми мамлакат даст ба ҷабҳаи меҳнат ва ободкорӣ зада, дар зарфи 30 соли соҳибистиқлолӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардиданд.

Ин неъмати бузург баробари ба даст омадан, нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ, ҳамфикрию ҳамзистӣ ва осоиштагиву абадиятро ба мардуми бузурги тоҷик ва Тоҷикистони азиз насиб гардонид.

Тоҷикон дар масири таърих аз шебу фароз ва озмоишҳои сахту сангин гузашта, дастовардҳои фарҳанги асил, ҳувияти миллӣ, забони ноби модарӣ, илму адабиёти оламгирашонро нигоҳ доштааст. Заковату хирадмандӣ, ватандӯстию хештаншиносӣ ва мардумсолории Пешвои муаззами миллат ва мардуми тоҷик буд, ки бо талқини афкори пурарзиши «Пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» Истиқлолият ба даст омад ва тӯли 30 сол аст, ки дар кишвар ҳукмфармо гардидааст.

30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастоварду руйдодҳои муҳими таърихӣ хотирмон хоҳад буд, зеро ба истиқболи ин руйдоди фараҳбахш дар саросари мамлакат корҳои ободонию созандагӣ вусъат ёфта, аз пойтахти мамалакат то дуртарин гӯшаву канори он боз ҳам ороставу зебо гардид.

Барои сокинони меҳнатдӯсти Қубодиёни бостонӣ Истиқлолият рамзи олии ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокорона, заминаи рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳои хоҷагии халқ, баланд гардидани сатҳи некуаҳволии сокинон ва таъмини зиндагии шоиста ба ҳисоб меравад.

Имрӯз мардуми ноҳияи Қубодиён аҳлона дар фазои сулҳу субот,дӯстиву якдигарфаҳмӣ меҳнат карда, бо сохтмон ва бунёди иншоотҳои гуногуни маъмурию давлатӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳот симои ноҳияро ободу зебо гардониданд.

Корҳои ободониву созандагӣ ва бунёдкории сартосарӣ, ки дар мамлакат бо ҷалби тамоми қишри аҳолӣ баамал омаданд бевосита аз ташаббуси Сарвари давлат ҷиҳати таҷлили сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлоиляти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма гирифт.

Бо ин мақсад Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №1059 оид ба ободонӣ ва омодагӣ ба таҷлили ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид.

Дар асоси амри мазкур қарори раиси ноҳия аз 5 июни соли 2018, №772 ва дар заминаи он нақшаи чорабиниҳо оид ба омодагӣ ба таҷлили ҷашни 30-солагии Истиқлолият бо фарогирии сохтмони 163 иншооти ҷашнӣ ва доир намудани дигар чорабиниҳо тасдиқ ва таҳия гардида талаботи бандҳои он ба иҷро расонида шуданд.

Ҷиҳати истиқболи сазовори ин санаи муҳими сиёсӣ дар ноҳия ба масъали мумфарш ва таъмири роҳҳои ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия ташаббусҳои созанда рӯи даст гирифта шуда, дар натиҷаи андешидани ин тадбирҳои созанда роҳҳои асосии Ҷамоати деҳоти ба номи И. Ниёзов дар масофаи 4 км 350 м бо саҳмгузории аҳолӣ ва соҳибкорону шахсони саховатпеша бо харҷи 900 ҳазор сомонӣ мумфарш карда шуда, ба истифодаи аҳолӣ дода шуд. Ҳамзамон бо саҳмгузории аҳолӣ ва соҳибкорону шахсони саховатпеша дар Ҷамоати деҳоти ба номи У. Назаров 4,7 км роҳи асосии ҷамоат бо сарфи 736 ҳазору 960 сомонӣ ва дар Ҷамоати шаҳраки Қубодиён дар масофаи 310 м роҳ бо сарфи 74 ҳазору 710 сомонӣ мумфарш карда шуд.

Дар маҷмуъ дар доираи татбиқи нақшаи чорабиниҳо оиди корҳои ободонию созандагӣ таъмири ҷории 95 км роҳ, сохтмону таъмири деворҳои кӯчагӣ 26 км, сохтмони ҷӯйборҳои обгузар 3,2 ҳазор метр, насби фурузонакҳо 6,0 ҳазор адад, таъмиру ободонии 41 адад қабристонҳо, тоза кардани ҷуйборҳои обгузар 47 км, насби шиору овезаҳо 156 адад, сохтмони 30 адад пули автомобилгарду пиёдагард, таъмиру сохтмони 138 адад иншоотҳои ҷашнӣ, тоза кардани 60 км заҳбуру заҳкашҳо, барои солимгардонии муҳити зист 272 ҳазор бех гулу гулбутта, 20 ҳазор бех ниҳол шинонида шуда, 15 ҳазор метри мураббаъ кабудизор гардида, дар маҷмӯъ маблағи умумии корҳои ба анҷомрасида бо саҳмгузории аҳолӣ ва соҳибкорон дар ноҳия зиёда аз 19 млн. сомониро ташкил медиҳад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҳақиқат соҳибистиқлолии мамлакат барои рушду инкишофи тамоми соҳаҳои ҷомеа, махсусан соҳаи илму маориф шароити мусоидро ба вуҷуд оварда, дар ноҳия як қатор иншоотҳои муҳими соҳа бунёд гардиданд, ки дар ин раванд ба анҷом расидани корҳои сохтмонӣ дар бинои мактаб-интернати ноҳия барои 264 ҷойи нишаст дар як баст, бинои хобгоҳ дар назди мактаб-интернати ноҳия иборат аз 100 кат ва бинои маъмурии шуъбаи маорифи ноҳияро метавон намунаи бемисли пешравиҳои соҳа дар солҳои охир номид.

Дар давраи омодагиҳо ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ноҳия 1 адад боғчаи бачагона сохта ба истифода дода шуда, ду адад боғчаи дигар дар рӯзҳои назди ба истифода дода мешаванд.

Инчунин дар замони истиқлолияти давлатӣ соҳаҳои савдо ва хизматрасонӣ дар ноҳия рушду иншоф касб намуда, танҳо дар давоми се соли охир дар доираи корҳои ободониву созандагӣ бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ 22 адад маркази савдо ва 19 адад марказҳои хизматрасонӣ мавриди истифодабарии аҳолӣ қарор дода шудааст.

Яке аз дастовардҳои назарраси соҳаи тандурустии ноҳия дар соли равон ин тибқи созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон сохта ба истифода дода шудани маҷмааи тиббӣ барои 200 кат ва маркази саломатии ноҳия бо тамоми таҷҳизотҳои муосири тиббӣ мебошад, ки ин дастовард бешубҳа самараи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади беҳтар намудани сифати хизматрасонии тиббӣ ба модару кӯдак дар доираи корҳои ободонӣ соли равон дар деҳаи Зиракии Ҷамоати деҳоти ба номи И.Ниёзови ноҳия бо саҳмгузории аҳолӣ ва соҳибкорону шахсони саховатпеша як адад таваллудхона бо теъдоди 5 ҳуҷра ва бо фарогирии 11 нафар корманд мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд.

Соҳибистиқлолии кишвар имконият дод, ки фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот аз ҳар ҷиҳат такмил ёфта,маҳз дар ин давра Ҷамоати шаҳраки Қубодиён таъсис дода шуда, соли равон бинои маъмурии Ҷамоати деҳоти ба номи Н.Хусрав ва Ҷамоати деҳоти Заркамар бо тарҳи наву замонавӣ сохта ба истифода дода шуданд.

Ноҳияи Қубодиён ноҳияи аграрӣ маҳсуб ёфта, барои пешбурди иқтисодиёти ноҳия, баланд бардоштани некӯаҳволии халқ пеш аз ҳама ба соҳаи кишоварзӣ диққати ҳамаҷониба дода мешавад, зеро аҳолии деҳот бо кишоварзӣ машғул буда, меҳнаткашони ноҳия тамоми қувваю имконияти худро барои парвариши зироатҳо ва алалхусус,пахта сафарбар намуда,сол то сол дар истеҳсоли ғалладонагиҳо, полезӣ, меваю сабзавот ва зироатҳои техникӣ ба муваффақиятҳо ноил гардиданд.

Сокинони ноҳия бо истифода аз механизмҳои нави коркарди замин ва роҳу усулҳои замонавии кишту парвариши зироатҳои кишоварзӣ барои гирифтани ҳосили зиёд ва сифатноки маҳсулоти кишоварзӣ аз тамоми зарфияту имкониятҳо истифода менамоянд.

Раванди бунёдкорию созандагӣ дар ноҳия бо мароми баланди меҳнатӣ идома дорад, ки гувоҳи равшани ҳиммати созандаву бунёдкоронаи шаҳрвандон, бахусус соҳибкорон ва мардони бонангу номус, барои фардои ободу осуда ва таъмини зиндагии шоистаи мардум мебошад.

**Дӯстони азиз!**

Ҳамаи ин дастовардҳо натиҷаи сиёсати хирадмандонаю дурандешона ва заҳмату талошҳои шабонарӯзии Пешвои маҳбубу муаззами миллат буда, самараи сулҳу ваҳдат ва Истиҳлолияти комили мамлакат ба ҳисоб меравад.

Бигузор роҳи кишвари соҳибистиқлоламон ба сӯйиояндаи дурахшон, ба сӯйи пешрафту тараққиёт ҳамеша ҳамвору нурбор ва пур аз фатҳу зафарҳо бошад.

Таманно дорам, ки Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша пойдор ва мардуми шарафманди Тоҷикистон бо роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарбаланду сарфароз бошад.

30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба сокинони сарбаланди ноҳия самимона табрик гуфта, сари баланду неруи тоза ва комёбиҳои навро орзумандам.

Бигузор иди муқаддаси Истиқлолият барои ҳар фарди соҳибдилу озодаи кишвар саломатӣ, бахту саодат, зиндагии осуда ва комёбию кушоишҳо оварад!

**Ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ муборак, ҳамдиёрони азиз!**

## ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБИЁН



Бахшида ба истиқболи 30-юмин согларди соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, баргузории семинар-машварат ва аксияҳои ҳизбӣ, доир кардани суҳбатҳо бо шаҳрвандон аз ҷумлаи ташаббусҳои ҳизбиёни ноҳия буд, ки шаммае аз иқдоми зиёди татбиқшуда ҳаст ва ҷанбаи ҳисоботӣ дошта, масъулияти таҳияааш бар дӯши мутасаддиёни кумитаи иҷроияи ноҳия мебошад.

Бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди қасри фарҳанги ноҳия чорабинии тантанавӣ таҳти унвони "Даҳаи тантанаҳо" баргузор карда шуд, ки ҳунармандони ақалиятҳои гуногуни ноҳия бо намоиши маҳсули ҳунарҳои дастии хеш макони чорабиниро таровати тоза бахшиданд. Аз ин намоишгоҳ намояндагони ҷамоатҳо, шаҳраку деҳот, собиқадорон, масъулини ташкилотҳои ибтидоӣ ва аъзои фаъоли ҳизб дидан намуда, ба кори чирадастон баҳои баланд доданд. Ҳамчунин, масъулин аз дастовардҳои даврони собибистиқлолии ватани маҳбубамон сухан гуфта, ҳамагонро ба чашни пурифтихори миллӣ-30 солагии Истиқлоли давлатӣ муборакбод намуданд.

Маврид ба зикр аст, ки чорабинии мазкур бо ташаббуси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия баргузор карда шуд. Дар ноҳия аксияҳои ҳизбӣ ва суҳбату мулоқотҳо мувофиқи нақшаи таҳрезишуда то санаи таърихии миллат-30 солагии Истиқлоли давлатӣ доир карда мешаванд.

## МУЛОҚОТИ СОБИҚАДОРОНИ ҲХДТ БО СОКИНОН





Гурӯҳи кории назди Шӯрои собиқадорони ҲХДТ дар вилояти Хатлон бахшида ба таҷлили сазовори 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқоту вохӯриҳоро бо сокинони Ҷамоати шаҳраки Қубодиён ва Ҷамоати деҳоти ба номи Носири Хусрав баргузор намуданд.

Вохӯриро муовини раис - мудири шуъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Абдуллоев В. ва раиси шурои собиқадорини ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён -муҳтарам Саидмуродов Шодӣ ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки имрӯз сокинони кишварамон бо як масъулияти баланд ва ифтихори ватандорӣ ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафҳои неку созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарҷаъм буда, бо кору амали созандаи худ барои зиндагии шоиста ҷаҳду талош менамоянд.

Сипас, Раиси Шӯрои собиқадорони ноҳия Саидмуродов Шодӣ дар бораи санаи муҳими таърихӣ, ки барои мардуми шарифи Тоҷикистон Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаддас аст, андешаронӣ карда, гуфт, ки имрӯзҳо мо мардуми Тоҷикистон дар арафаи ҷашни 30-солагии Истиқлол қарор дорем.

Ҳамаи мову Шуморо зарур аст дар амалӣ намудани ҳадафҳои неку созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарҷаъм бошем ва бо кору амали созандаи худ сазовор ба зиндагии шоиста гардем. Инчунин, мавсуф дар идома қайд намуд, ки мақсади баргузории чорабинӣ таҳким бахшидан ба ваҳдати миллӣ ба хотири тақвияти минбаъдаи пояҳои давлатдории миллӣ, ҷамъбасти дастовардҳои даврони Истиқлолияти давлатӣ ва сазовор истиқбол намудани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

## ВОХӮРИИ СУДМАНД



Тибқи нақшаи чорабинии КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муносибати 30-солагии Истиқлоли давлатӣ дар доираи чорабинии тантанавии «Даҳаи тантанаҳо» намояндаи КИ ҲХДТ дар вилоят Садриддин Ширинбеков бо фаъолони ноҳия вохӯрӣ доир намуд.

Зимни вохӯрӣ оид ба аҳамияти ин санаи муҳими таърихӣ ва дастовардҳо дар ин давра суханронӣ намуда, нақши Роҳбари давлат дар истеҳкоми сулҳу ваҳдати миллӣ муҳим арзёбӣ гардид.

## БОЗДИДИ МЕҲМОНОН АЗ ТАХТИ САНГИН





Намояндагони дипломатии Олмон ҷиҳати боздид ва шиносоӣ бо ёдгориҳои таърихии Тахти Сангин ба ноҳия ташриф оварданд.Нахуст меҳмонон бо роҳбарияти ноҳия мулоқот намуда, ҳавасмандии худро ҷиҳати ҳифзи ин ёдгориҳои таърихи башарӣ арзёбӣ намуданд.Таъкид гашт, ки дар оянда баҳри ҳифз ва нигаҳдории ин мавзеъ барномаҳои мушаххас омода ва маблағгузорӣ карда мешаванд.

Бо нишони қадрдонӣ аз ҷониби раиси ноҳия Садриддинзода Бадриддин ба меҳмонон тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд.

Сипас меҳмонон барои аз наздик шинос шудан ба мавзеи Тахти Сангин ва Тахти Қубод сафар намуда, зимни боздид аҳамияти онҳоро дар қатори дигар ёдгориҳои таърихи башарӣ баҳои баланд доданд.

Ёдгории Тахти Сангин ё ба истилоҳи олимон Маъбади Ому ёдгории таърихии мутааллиқ ба асри 3 пеш аз мелод буда, ин мавзеъ дар он ҳамон маҳалли ободи аҳолинишин будааст,ки дар соҳили рости дарёи Панҷ дар ҳудуди ноҳияи Қубодиён ҷойгир аст.



## МУСОБИҚАИ ФУТБОЛ БАХШИДА БА ҶАШНИ 30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Чанде пеш дар асоси нақша байни кормандони ҷавони ташкилоту муассисаҳои ноҳиявӣ бахшида ба ҷашни 30-солагии истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусобиқаи футбол доир ва ҷамъбаст гардид. Бозии мазкур хеле тезутунд баргузор шуд.

Маврид ба ёдоварист, ки мусобиқаи футбол миёни дастаҳои ғайри касбӣ ташкил шуда, қувваозмоӣ дар доираи ҳамкориҳо байни ҷавонон сурат гирифт.

## ТАНТАНАҲОИ ИДОНА ДАР ДЕҲОТИ НОҲИЯ





Дар асоси нақшаи чорабиниҳои ноҳия оид ба таҷлили ҷашни фархундаи 30-солагии Истиқлол дар ҳар як маҳалла ва деҳаҳои ноҳия чорабиниҳои идона баргузор гардид.

Нахуст, дар маркази ҷамоати деҳоти Заркамар, бахшида ба ин санаи муҳими таърихӣ чорабиниҳои оммавию фарҳангӣ ва намоиши дастоварду ҳунарҳои мардумӣ баргузор гардид.Ҳозиронро иҷрокунандаи вазифаи раиси ҷамоат Абдиева Ойнабод табрик намуда, изҳор дошт, ки бузургтарин неъмате, ки мардуми мо дар охири асри гузашта ба он дастёб шуд, Истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Чорабиниро ҳунармандони ҷамоат бо барномаи ҷолиби ҳунарӣ идома доданд.

## ТУҲФАИ ПУРАРЗИШ



-Шоҳкитоби «Тоҷикон»-и академик, Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров-тӯҳфаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бахшида ба 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ноҳия ворид гардида тавассути раисони маҳала ва дигар фаъолон ба муассисаҳои таълимӣ, идораву ташкилотҳо ва сокинони сарбаланди ноҳия дастрас карда шуд.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ - МУҚАДДАСТАРИН НЕЪМАТ ВА ПУРҚИМАТТАРИН ГАНҶИ НОЁБ АСТ



*АБДУЛЛОЕВ ВАҲОБИДДИН,*
*муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён*

**АНДЕША. 30-сол муқаддам миллати куҳанбунёди мо ба дастоварди бузургтарини таърихӣ, яъне Истиқлолияти давлатӣ ноил гардид, ки ҳоло тамоми мардуми кишварамон ҷаҳду талош доранд, ки ин ҷашни бошукӯҳро бо дастовардҳои назаррас истиқбол намоянд. Дар сатҳи баланд таҷлил намудани ин ҷашни шукӯҳманд мояи ифтихор ва сарбаландии ҳар фарди Тоҷикистон буда, бо меҳнати софдилона сазовор истиқбол намудани он рисолати ватандорӣ, ифтихори миллии ҳар яки мост.**

Истиқлолият шараф ва номуси ҳар як миллати озодандеш ва соҳибҳираду соҳибэҳтиром буда,рамзи саодати миллат ва давлати соҳибиҳтиёри миллӣ нишонаи пойдориву бақои он мебошад.Зеро дар дунёи пуртазоди муосир фақат миллате соҳиби ному иззат шуда метавонад, ки истиқлоли воқеӣ ва давлати озоду мустақили хешро дошта бошад.

Бо амри тақдир ва бар асари таҳаввулоти фарогири сиёсиву иҷтимоии ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ҳалқи тоҷик баъди ҳазор сол аз нав ба эҳёи давлати миллии худ ноил гардид. Агар барои аксари чумҳуриҳои собиқ давлати абаркудрати ягона, аз ҷумла Тоҷикистон истиқлолият ба осонӣ муяссар гардида бошад, барои Тоҷикистони мо расидан ба ин неъмати бебаҳо ниҳоят гарон афтод. Бархурди манфиатҳои доираҳои гуногун, оқибат ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид. Лекин ба шарафи ҳиради азалии миллати тоҷик бо сарварии фарзанди фарзонаи миллат,Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хатари парокандашавии миллат ва ҳамчун давлати мустақил аз байн рафтани Тоҷикистон эмин дошта шуд.

Истиқлолияти давлатӣ дар назди мардуми тоҷик вазифаҳои бузурги таъриҳиеро гузошт, ки муҳимтарини онҳо ташкили давлати соҳибиҳтиёри миллӣ, таҳкими сулҳу субот, оғози раванди созандагиву бунёдкориҳо ва расидан ба сатҳи зиндагии шоиста буд. Албатта,барои ба ин ҷараёни созанда ноил шудан, аз фарҳангу маънавиёти ниёгони худ сабақ омӯхта,аз таҷрибаи ҷаҳони муттамаддин баҳра бардоштем.Ниёгони мо ҳанӯз зиёда аз 1100 сол пеш анъанаву суннатҳои давлатдорӣ ва орзуҳои волои миллӣ,ки дар меҳвари давлатии муттамаркази Сомониён ташаккул ва густариш ёфтаанд, шуҳрат пайдо карда буданд. Миллати тоҷик дар тӯли таърихи деринааш ҳудро маҳз ба шарофати афкору андеша, забон, илму фарҳанг, расму оин ва дигар арзишҳои ғоявӣ ба оламиён ҳамчун халқи фарҳангсозу башардӯст, сулҳпарвару озодихоҳ ва хайрхоҳу таҳомулгар муаррифӣ кардааст.

Имрӯз Тоҷикистони азиз таҳти сарварии фарзанди содиқу ҳирадманди худ, Раиси муаззами ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо миллати кӯҳанбунёду соҳибтамаддунаш ҳамчун кишвари соҳибистиқлол ба шоҳроҳи бузург ворид гардид, ки ҳадафи асосии мардуми он бунёди давлати демократии дунявӣ, ҳуқуқбунёд, таъмини зиндагии орому осуда ва ҳамгироӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Дар ин муддат, ҷашни санаҳои муҳими таърихӣ таҳкими дастовардҳои Истиқлолият баргузории чорабиниҳои байналҳалқӣ дар Ҷумҳурии мо, бори дигар шаҳодати афзун гардидани нуфузу обрӯи мамлакатамон дар арсаи байналҳалқӣ мебошад.

Айни ҳол кишвари соҳибиҳтиёри тозабунёди моро беш аз 150 мамлакати муттарақии дунё эътироф намуда, ба расмият мешиносанд. Имрӯз Тоҷикистон узви комилҳуқуқи созмони миллали муттаҳид, созмони амнияту ҳамкорӣ дар Аврупо ва аъзои 35 адад ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошад. Парчами давлатии Тоҷикистон дар қатори парчамҳои кишварҳои дигари дунё дар назди бинои Созмони миллали муттаҳид партафишонӣ мекунад. Дар тӯли 30-сол барои аз бумбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ҳазорҳо километр роҳҳои нави замонавӣ сохта шуда, Тоҷикистонро бо дигар давлатҳои дунё пайваст менамояд.Ин роҳҳо Ҷумҳуриро ба мамолики Осиёи Марказӣ ва бандарҳои ҷаҳонӣ пайваст намуд.Тоҷикистон имрӯз бо шарофати бунёди пулҳо на танҳо бо Ҷумҳурии исломии Афғонистон, балки бо мамолики бурунмарзии дуру наздик рावобити иқтисодию фарҳангӣ пайдо кард.Барои ба даст овардани Истиқлолияти энергетикӣ садҳо неругоҳҳои барқӣ хурду миёна сохта ба истифода дода шудааст.Дар муддати 30 соли истиқлолият дар бахшҳои муҳталифи ҳоҷагии ҳалқ дигаргуниҳои назаррасе ба амал омада, корхонаҳои нави саноатӣ иншоотҳои дигари аҳамияти миллӣ дошта арзи ҳастӣ намуданд.

Мардуми шарафманди ноҳия дастуру супоришҳои Раиси муаззами ҲХДТ ва қарору қонунҳои амалкунандаи Ҳукумати Ҷумҳуриро сармашки кори ҳуд намуда, таҳти сиёсати пешгирифтаи Эмомалӣ Раҳмон баҳри сазовор пешвоз гирифтани ин ҷашни бузург фидокорона меҳнат намуда истодаанд.

Албатта, 30 сол дар назди таърих як лаҳза аст, вале барои мо тоҷикистониён ин солҳо қиммати чандин асрро доранд. Зеро ин солҳо барои ин ҳалқи кӯҳанбунёд давраи мубориазаву талошҳо, ҷустуҷӯвӯ бозёфтҳо санҷишу имтиҳонҳои ҷиддӣ дар назди таърих ва аҳли башар буданд. Ва шукрона мекунем, ки аз ин имтиҳони ҷиддӣ бо сарварии Роҳбари давлатамон сарбаландона баромадем.

Бо ин нияти нек, аз фурсати муносиб истифода намуда, тамоми мардуми шарифи Тоҷикистониёнро бо ҷашни 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз самими қалб табрику таҳният гуфта, ба ҳар як фарди кишвари азизамон хонаи обод, сиҳатию саломатӣ, шодию фараҳ, дастархони пур аз нозу неъмат ва дар корҳои ояндаашон баҳри пешрафту шукуфоии кишварамон гомҳои устувор таманно менамоям.

**Иди Истиқлолият муборак, ҳамватанони азиз!**

# ТАНТАНАИ ТАҶЛИЛ АЗ ҶАШНИ 30























# СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ДАР АКСҲО

















































# ИСТИҚЛОЛИЯТ – РАМЗИ ОЛИИ ВАТАНДОРИСТ



***МАМАРАСУЛЗОДА С., раиси суди ноҳияи Қубодиён***

**9-уми сентябри соли 1991 чун воқеаи муҳими таърихии сарнавишти миллати тоҷик сабт шудааст: санаи эълон гардидани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ин ҳодисаи тақдирсоз аввали моҳи сентябри соли 1991 ба вуқуъ пайваст ва 9 сентябр расман Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Аз ҳамон вақт то имрӯз ин санаи муборак барои миллати тоҷик иди муқаддас маҳсуб мешавад.**

Истиқлолият сарвати ноёбест, ки дар рӯйи ҷаҳон миллатҳои бисёре барои ба даст овардани он садсолаҳо ранҷу азоби зиёдеро паси сар карданд. Аммо ранҷу заҳмати миллати тоҷик дар ин ҷода беқиёсу бемасал нест, зеро ба ин неъмат халқи тоҷик баъди тай намудани роҳи дуру дароз бо машаққат расид, аз ин рӯ, Истиқлолиятро тоҷикон нодиртарин, волотарин ва пурарзиштарин сарвати миллии худ мешуморанд.

Роҳи пурпечутоби сулҳи тоҷикон ва эҳёи баъдиҷангии Тоҷикистон таърихи тӯлонӣ дорад, вале мехостам танҳо ҳаминро таъкид намоям, ки сулҳи тоҷикон пеш аз ҳама, натиҷаи талошу заҳмати самимонаи фарзандони баномуси халқи тоҷик ва пирӯзии хиради мардуми шарифи Тоҷикистон бар ҷаҳолат буд.

Бинобар ин, миллати мо дар ин муддати шадид ба сахтиҳо ва маҳрумиятҳои зиёде рӯ ба рӯ шуд, аммо ирода, рӯҳи шикастнопазир, боварию эътимод ба фардои миллати тоҷикро аз нопадид гаштан дар гирдоби таърих нигоҳ дошт ва то ба имрӯз фирӯз расонид. Аз ин ҷост, ки истиқлолият барои мо ҳам муқаддас ва ҳам ҷойи ифтихор мебошад. Ҷойи ифтихор аст, ки таҷрибаи сулҳи тоҷиконро ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун як мактаби нодири сулҳофарӣ ва ҳалли низоъҳо эътироф намуда,мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст.

Бо гузашти солҳо худшиносии миллӣ, хиради азалӣ ва ҳуввияту ватандӯстии мардуми шарифи Тоҷикистон дар партави роҳнамоиҳои созандаи Пешвои миллат,муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самар оварда, имрӯзҳо ба пешвози 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рӯҳияи созанда ва собитқадамона пеш меравем.

Воқеан,ба истиқлол ноил шудани миллати тоҷик рамзи саодату хушбахтӣ мебошад, пас нигоҳдошти истиқлол, ҳифзи арзишҳои он ва дастовардҳои беназиру ба наслҳои оянда поядаву бегазанд ҳифз намудани он вазифаи имонӣ ва виҷдонии ҳар яки мо мебошад. Бо гузашти се даҳсола Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар меҳвари давлатдорию давлатсозӣ бо ифодаи олии ватандорӣ давлати миллии арзишманд ва эътрофшударо пойбарҷо бунёд намуда, онро дар сатҳи ҷаҳон ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва соҳибихтиёр муаррифӣ намудааст.

Мо вазифадорем, ки ин ганҷингаи таърихӣ ва бемислро чун гавҳари нодир нигоҳ дорем, дар масири давлатсозӣ барои устувории пояҳои давлатдорӣ талош варзем, ғояҳои ватандорӣ ва гиромӣ доштани арзишҳои миллиро ба наслҳои ҷавон талқин созем ва барои шинохти Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи ҷаҳон талош варзем. Зеро дар назди наслҳои имрузу оянда барои ҳифз, ҳимоя ва пойдории рукнҳои истиқлолияти комили бароямон дар замони ҷаҳонишавӣ мушаррафгашта мо вазифадор ҳастем.

Имрӯз Тоҷикистон сохибихтиёр аст. Самараи неки истиқлол аст, ки Тоҷикистон дар дунё чун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта шудааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон-манбаи омузиши сулҳхоҳони ҷаҳон гашт, ки боиси ифтихори ҳар як фарди тоҷик аст.

Бигузор иди муқаддаси Истиқлолият барои ҳар фарди соҳибдилу озодаи кишвар саломатӣ, бахту саодат, зиндагии осуда ва комёбию кушоишҳо оварад! Поянда бод Ваҳдати Миллӣ ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон!

**Мо ба он рӯз расидем, ки**
**Истиқлол аст,**
**Мо ҳамон манзара дидем,**
**ки Истиқлол аст.**
**Дар нафас ғулғула**
**кардем фараҳмандиро,**
**Чун дили хеш тапидем,**
**ки Истиқлол аст.**



# Хизмати алтернативӣ барои кист?..

**Ҳафтаи гузашта Ҳукумати ҶТ нархи пардохт барои хизмати сарбозиро дар кишвар муайян ва дастиқ кард.**

**Ҳамакнун, касоне, ки намехоҳанд дар Артиш ва Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ хизмат намоянд, метавонанд бо пардохти 420 нишондиҳанда (1 нишондиҳанд 60 сомонӣ) 25 ҳазору 200 сомонӣ аз хизмат озод шаванд.**

**Бо назардошти тағйироту иловаҳои ба Қонуни ҶТ “Дар бораи уҳдадориҳои ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ” воридшуда, акнун ҳар 1 нафари хоҳишманд, ки намехоҳад дар артиш 2 сол хизмат кунад, бо пардохти 25200 сомонӣ аз хизмат озод гардида, танҳо 1 моҳ дар ҷамъомадҳои ҳарбӣ тамрин мегузаронаду халос.**

**Барои ба даст овардани маълумоти бештар мухбири рӯзномаи мардумии СССР ба маркази матбуоти Вазорати мудофиаи ҶТ муроҷиат намуд ва зимни як суҳбати ихтисосӣ ба пурсишҳои худ чунин посух гирифт, ки ба маврид мешуморем онро пешкаши Шумо хонандагони арҷманд созем.**

## Маблағ пурра пардохт мешавад!

25 ҳазору 200 сомонӣ-маблағи барои хизмати сарбозӣ муайяншударо бояд ба суратҳисоби Вазорати мудофиаи ҶТ, ки дар бонки давлатии “Амонатбонк” фаъол аст, пурра пардохт намуд. Ин маблағ пас аз омӯзиши коршиносони вазоратҳои молия ва мудофиаи мамлакат бо назардошти харҷи давлат барои 1 сарбоз дар тӯли 2 соли хизмат ва саҳм дар таъсиси марказҳои тамринӣ барои оянда муайян карда шудааст. Расиди маблағи пардохтшударо дар тӯли 5 рӯзи корӣ бояд ба комиссариати ҳарбии маҳалли иқомат бурда супорид. Агар шумо дер кардеду дар муддати ин 5 рӯз натавонистед расидро бурда ба комиссариати ҳарбӣ супоред, он гоҳ Шуморо ба рӯйхати сарбозони дар сафарбарии ҳарбӣ иштирок мекарда ворид намекунанд. Барои ширкат дар ҷамъомадҳои ҳарбии 1 моҳа бояд ба комиссариатҳои ҳарбии маҳалли зист, алалхусус комиссияҳои даъват муроҷиат кард.

## Донишҷӯӣ? Хизмат мекунӣ!

Тибқи тағйироти нав донишҷӯён низ ба хизмати ҳарбӣ ҷалб карда мешаванд. Ба донишҷӯёни бакалавр ва мутахассисони ҷавон то охири соли таҳсил имкон дода шуда, он донишҷӯёне, ки дар мактабҳои олияшон кафедраҳои ҳарбӣ вуҷуд надорад, барои гирифтани рутбаи лайтенанти хурд бояд 1 сол ҳатман хизмат намоянд. Агар дар мактаби олӣ кафедраи ҳарбӣ вуҷуд надорад, пас донишҷӯ пас аз хатми донишгоҳ бояд 1 сол дар артиш хизмат намуда, соҳиби рутбаи сержант гардад.

Ба магистрантон, аспирантҳо ва докторантҳо имтиёз дода намешавад ва онҳо бобари ҳама ба хизмати ҳарбӣ даъват карда мешаванд. Аммо дар вақти даъвати ҳарбӣ давраи таҳсил (курс) ва маблағи барои таҳсил пардохт карда шудаашон нигоҳ дошта мешавад.

## Яккаписарон ва ҷинояткорон озоданд?

Дар сурати барои гузаронидани хизмати ҳарбӣ ношоям будани сарбози оянда ё марги ӯ, маблағи барои хизмати ҳарбӣ гузаронидашуда тибқи қонунгузорӣ баргардонида мешавад. Инчунин, қонунгузорӣ дигар ҳолатҳоро низ ба назар гирифтааст, масъалан, агар шахс ҷиноят содир намуда, бо ҳукми суд гунаҳкор эътироф шуда бошад, он гоҳ наметавонад дар сафи артиш хизмат намояд. Шахсоне, ки доғи судӣ доранд, ба хизмати ҳарбӣ ҷалб карда намешаванд. Яккаписарони оила низ аз хизмати ҳарбӣ озоданд.

## Гуд бай Облава???

Гуфта мешавад, ҳамакнун ҷавонони тарсу, пулдор ва эркабачаҳо имконият доранд, дигар на бо роҳи ришваи пинҳонӣ, ки пардохти маблағи расмӣ аз хизмати сарбозӣ озод шаванд. Ин амр бештар барои сад гузоштан аз маъракаи обрӯрезии Облава рӯи кор омадааст ва мо умед дорем, бо супоридани маблағи ҳаққи хизмати алтернативӣ шармшикантарин маъракаи танҳо барои кишвари мо хос-Облава низ барои абад ба коми таърих меравад...

***Минуи Ромин “СССР”***

# ХОҲОНИ ИСТИҚЛОЛЕМ

Истиқлолият-неъмати пурарзиш ва гаронбаҳост. Ба қадри чунин неъматҳо яке Истиқлолият, дигаре Ваҳдати миллӣ расидан ин масъулияти басо бузургеро аз мо тақозо менамояд. Чунки тавассути Истиқлолият мо имкон пайдо намудем, то давлати худро пойдор намуда, шаъну шарафу эътибори миллатро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем.

Мо бояд бахри гиромидошт ва арҷгузории рамзҳои давлати соҳибистиқлоли худ-Конститутсия, Парчами миллӣ, Нишони давлатӣ ва Суруди миллӣ кушиш ба харҷ диҳем. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид барҳақ зикр намудаанд.

**“Истиқлолият бузургтарин сарват ва бебаҳотарин неъмат барои ҳар миллате мебошад, ки худро шинохтааст ва таъриху тамаддуни хешро медонаду аз он ифтихор мекунад”**

Президенти кишвар тавонист Тоҷикистонро аз вартаи парокандагӣ наҷот бахшида, дар баоқарор намудани як давлати соҳибихтиёр саҳми босазои худро гузорад.

Бо ташаббуси Пешвои миллат Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба тавсиб расид. Ҳамаи гурезагони дур аз Ватан ба ҷою макони зисташон баргардонда оварда шуданд. Сохтмони НОБ-и Роғун ва дигар иншоотҳо идома доранд.

Ҳадафҳои муҳимтарин ва стратегии давлати мо ин таъмини истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чорумӣ миллӣ мебошад.

Имрӯз мо аз он меболем, ки тамоми ҷаҳониён аз сулҳи тоҷикон ба ваҷд омада аз ин мамлакати сулҳпарвар таҷрибаомӯз гардаанд.

Дар фарҷоми сухан ҳаминро ба ҳамагон ёдрас намуданием, ки фирефтаи ҳар гуна ҳаракатҳои ҳизбию экстремистӣ нагашта, бахри ҳифзи сулҳу суботи Ватан ва Истиқлолияти давлатӣ камари ҳиммат баста, дар ободию пешрафти ҳар гӯшаи диёр саҳмгузор бошанд.

Аз сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакат ҷонибдорӣ намуда зиракии сиёсиро аз даст надиҳем.

*22 сентябр-рӯзи Абуабдуллои Рӯдакӣ*

## ТАЗМИН БАР ШЕЪРИ “БӮИ ҶӮИ МУЛИЁН ОЯД ҲАМЕ”

Ёди ёрон ҳар замон ояд ҳаме.
Аҳли Сомон бахри ӯ бикшода дар,
Рӯдакӣ чун меҳмон ояд ҳаме.
Шӯҳрати ӯ байни халқ гашта фузун,
Аз рақибон дар амон ояд ҳаме.
Бар Самарқанд Наср ӯро хонда чун,
Сарвқаде бар нозимон ояд ҳаме.
Дар Бухоро Балъамӣ гуфто варо,
Шоири соҳибқирон ояд ҳаме.
Шоҳро мулки Ҳарӣ кард дар шигифт,
Айшу ишрат дар миён ояд ҳаме.
Чун Бухоро ёди ҳар фарде бигашт,
Синаҳоро дар фиғон ояд ҳаме,
Бо суруди “Бӯи ҷӯи Муллиён”
Шоҳ сӯи хонадон ояд ҳаме.
Умри ӯро даври пирӣ кард асар,
Рӯзи сахте ногаҳон ояд ҳаме.
З-он кашиданҳои мил бар чашми ӯ,
Шӯру шар андар ҷаҳон ояд ҳаме,
Чун зиёрат бахри ин пири сухан,
Шералӣ бар ин макон ояд ҳаме.

*30 сентябр-Рӯзи Мавлоно Румӣ.*

## ВОХӮРИИ МАВЛОНО БО ШАМСИ ТАБРЕЗӢ

Як назар ӯ бар мани
мискин надӯхт,
Оташе бар хирмани
дил барфурӯхт.
Ӯ биёмад аз Димишқ аз роҳи ишқ,
Хирқаи пашминаам арзон фурӯхт.
Чун гирифтам дарси ишқ аз
Шамсиддин,
Чоки дил бо риштаи
меҳраш бидӯхт.
Гашта аз бозори
ишқаш баҳраманд,
Аз назофат ақлу ҷонамро бисӯхт.
Шералӣ, гуфто чунин Мавлои Рум,
“Ҳарчӣ ҷуз маъшуқ боқӣ
ҷумла сӯхт”

**Омодасози гӯша:Шералӣ Шехвалӣ, узви ИЖТ, мухбири мо дар ҷамоати Тахти Сангин**

# ҚАРОРИ РАИСИ НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН

## Дар бораи тадбирҳои саривақт ва бетелаф ҷамъоварӣ намудани ҳосили пахтаи соли 2021

Бо мақсади саривақт ва беталаф ҷамъоварӣ намудани ҳосили пахта, ҳамоҳангсозии фаъолияти идора, ташкилоту муасссисаҳои ноҳия бо ҷамоатҳои деҳоти ноҳия дар ҳалли масъалаҳои маъракаи пахтачинӣ дар ноҳия мутобиқи моддаҳои 10,20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” ва моддаи 26-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” **қарор мекунам:**

1.Ҳайати Ситоди ноҳиявии “Ҳосил-2021” тасдиқ карда шавад.

2.Раисони ҷамоатҳои деҳоти ноҳия вазифадор карда шаванд:

-ситодҳои маҳаллии “Ҳосил-2021”-ро таъсис дода, фаъолияти босамари онҳоро ба роҳ монанд:

-корҳои омодагии хоҷагиҳои пахтакорро ба мавсими имсола баррасӣ ва ба масъалаҳои омодагии бошишгоҳҳои саҳроӣ ва қабули чинакчиён, инчунин захираи зарурии хӯрока ва дигар тадбирҳои барои ғунучини пахта зарурӣро амалӣ намоянд;

-бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолати поймолшавии пахтазор аз чорво, роҳ надодан ба баргардонидани чорвои майдаи шохдор дар давраи ҷамъоварии пахта аз чарогоҳҳои мавсимӣ дар робита бо сохторҳои дахлдор тадбирҳои саривақтӣ андешанд.

3.Ба инобат гирифта шавад, ки нархи пахтаи чидашуда аз ҷониби хоҷагиҳои пахтакор, вобаста ба шароити молиявии онҳо тибқи тартиби муқарраршуда муайян карда мешавад.

4.Раёсати кишоварзии ноҳия дар ҳамкорӣ бо Кумитаи иттифоқи касабаи коркунони комплекси агросаноатии ноҳия, раисони ҷамоатҳои деҳоти ноҳия шартҳои мусобиқаи байни ҷамоатҳои деҳоти ноҳия ва хоҷагиҳои пахтакорро то 25 августи соли 2021 муайян намоянд.

5.Ба муовини якуми раиси ноҳия Тоҷиев А.Ҳ. ва мудири бахши иқтисод ва савдои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия Пошоқулов А. супорида шавад, ки харҷномаи пешниҳодгардида, барои ҳавасманд кардани иштирокчиёни мусобиқаҳои меҳнатӣ дар давраи ҳосилғундорӣ ҷиҳати ҷудо намудани маблағи зарурӣ аз ҳисоби корхонаҳои коркарди пахта тадбирҳои зарурӣ андешанд.

6.Ҷамъбасти мусобиқаҳои меҳнатии давраи аввали маъракаи пахтачинӣ санаи 20 сентябр сурат гирифта, давраҳои минбаъдаи он дар ҳар 20 рӯз ҷамъбаст ва ба шарафи ғолибон дар маркази ноҳия парчами шараф барафрохта шавад.

7.Бахши Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия, ҷамоатҳои деҳоти ноҳия ҷиҳати саҳиҳу шаффоф пешниҳод ва қабули ҳисоботи оморӣ оид баҳисобгирии истеҳсоли ҳосили пахта аз рӯи шакли ҳисоботи “17ВҚ”, маълумот дар бораи қабул ва захира дар корхонаҳои хурду азими коркард пахта чораҳои зарурӣ андешида,дар ҳар понздаҳ рӯз ҳисоботи дахлдорро ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия пешниҳод намоянд.

8.Муассисаи КАТС ва Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии ноҳия барои расонидани хизмати босифати тиббӣ ба чинакчиён, беҳдошти ҳолати санитарию гигиении ҷойи кор ва истиқомати муваққатии онҳо дар бошишгоҳҳо ва назорат ба сифати хӯрокҳо тадбирҳо андешанд.

9.Шӯъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳия таъмини бехатарии чинакчиён ҳангоми истифодаи нақлиёти мусофиркашон ва барои риояи тартиботи ҷамъиятӣ дар мавзеъҳои ҷойгиршавии онҳо тадбирҳои зарурӣ андешад.

10 Қисми мустақили 49-уми Хадамоти ҳарбикунонидашудаи назорати давлатии оташнишонии ноҳия барои пешгирӣ намудани ҳодисаҳои сӯхтор ва талафёбии ҳосили пахта аз оташ чораҳои зарурӣ андешида, масъулин ва чинаквиёни ҳосил машғулиятҳои дастуририро ба роҳ монад.

11.Ба кумитаи иттифоқи касабаи коркунони комплекси агросаноатии ноҳия ва шӯъбаи Агентии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар ноҳия супорида шавад, ки қонунгузории меҳнатро аз ҷониби масъулини хоҷагиҳои пахтакор дар маъракаи пахтачинӣ таъмин ва таҳти назорат гиранд.

12.Ба мудири шӯъбаи иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси ноҳия, сармуҳаррири рӯзномаи “Тахти Қубод” супорида шавад, ки инъикоси ҳамаҷонибаи рафти маъракаи пахтачиниро тавассути воситаҳои ахбори омма ва рӯзномаву маҷаллаҳо ба роҳ монад.

13.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси ноҳия ва муовини соҳавии раиси ноҳия гузошта шавад.

***Раиси ноҳияи Қубодиён Б.Садриддинзода***
***аз 23 августи соли 2021, №1170***

# КОРРУПСИЯ – МОНЕЪАИ РУШДИ ДАВЛАТ




Баъд аз соҳибистиқлол гаштан, кишвари азизи мо дар қатори дигар душвориҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ ба проблемаҳои коррупсия рӯ ба рӯ гардид. Сабабҳо ва омили асосии густариши корупсия дар ҷомеаи мо аз як тараф паст будани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва сатҳи зиндагии мардум, аз тарафи дигар омода набудани мардум ба иқтисодиёти бозоргонӣ ва дарк накардани қоидаҳои он буд.

Коррупсия — яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи рушди умумумиллӣ, пешрафти иқтисод, беҳбудии иҷтимоӣ, татбиқи муваффақонаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон маҳсуб гардида, боварии шаҳрвандонро ба давлат, ояндаи нек коста месозад ва табақаҳои камбизоати аҳолиро аз имкони комёб шудан ба сатҳи шоистаи зиндагӣ маҳрум мекунад.

Бояд қайд намуд, ки коррупсия-порахӯрӣ ва ҳар як кирдори шахсе, ки ба ӯ иҷрои вазифаҳои муаян дар сохтори давлатӣ ва хусусӣ супорида шудааст, мебошад. Он ба вайронкунии вазифаҳои аз рӯи мақоми давлатии шахси мансабдор, корманди хусусӣ, агенти мустақил ба ӯ супорида шуда ва дигар намуди муносибат, ки мақсади ба даст овардани фоидаи ғайриқонунӣ барои худ ва ё дигар ашхосро дорад меорад.

Раванди ташаккули мафҳуми ҳозираи коррупсия дар таърихи тамадуни ҷаҳон ба чандин ҳазорсолаҳо бар мегардад. Агар ба таърихи мубризаи давлат ба муқобили коррупсия назар афканем ба чунин хулоса омада метавонем, ки ҳанӯз дар замони пайдоиши нахуст давлатҳои қадим ҳалли ин масъала ба яке аз муаммоҳо табдил ёфта буд.

Мутахассисони замони муосир муаян намудаанд, ки коррупсия дар ҳамаи давлатҳо, новобаста аз шакли идоракунӣ, режими сиёсӣ, шакли моликият ва низоми мафкуравӣ ҷой дорад.

Бо мақсади пешгири аз ҷинояту ҷинояткорӣ ва мубориза бурдан ба фаъолияти коррупсия 31-октябри соли 2003 Конвенсияи СММ зидди коррупсия қабул карда шуд. Конвенсияи мазкур ҳуҷҷате мебошад, ки асоси ҳуқуқии пешгирӣ ва мубориза бо коррупсияро аз ҷониби давлатҳои аъзо ба танзим медарорад. Хушбахтона Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳуҷҷати мазкур 25-сентиябри соли 2006 имзо гузоштааст.

Дар мамлакатҳои ҷаҳон 3-намуди мақомоти зидди коррупсионӣ амал меунад:

Тафтишотӣ, пешгирикунанда ва омехта.

Ба ақидаи олимону коршиносони Аврупоӣ мақомоти беҳтар ҳамоне мебошад, ки хислати универсалии дорад, яъне ҳам дорои воҳиди тафтишотӣ, ҳам воҳиди пешгирикунанда бошад.

Аз ин рӯ, бо омӯзиши ин таҷриба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкили ниҳоди махсус «Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шуд, ки он дорои ҳам воҳиди тафтишотӣ, ҳам воҳиди пешгирикунанда мебошад.

Чи тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати милӣ, Пешвоӣ миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд. «Чунин як падидаи манфӣ ҳамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеъаи мо яке аз монеъаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба омухта, таҳлил намоем ва тамоми қувваҳои солими ҷомеъаро барои пешгирии ин зуҳурот ва поён овардани шиддати он сафарбар намоем».

Бо ҳамин мақсад Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-июли соли 1999 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зиддӣ ҷиноятҷорӣ дар соҳаҳои иқтисод ва коррупсия» қабул шуд, ки он ҳамчун як воситаи муҳим барои мубориза бар зиддӣ коррупсия ба ҳисоб мерафт.

Дар ин давра чандин қонуну санадҳои меъёри-ҳуқуқи баҳри пешгирии коррупсия ва мубориза бар зиддӣ ин падидаи номатлуб қабул гардидаанд. Аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлати молиявӣ ва мубориза бо коррупсия», «Дастурамали омории ҷиноятҳои хусусияти ҷиноятидошта ва феҳристи ин ҷиноятҳо», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми сентиябри соли 2006 тасдиқ карда шудааст ва ғайра.

Коррупсия чун зуҳуроти манфӣ ба сохтори идоракунии давлатӣ, хоҷагии халқ, соҳаҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт, дар маҷмӯъ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамиятӣ зарари ниҳоят калон мерасонад.

Вазифаи асосии пешгирии коррупсия аз таъмини ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, инчунин ҷамъият ва давлат аз коррупсия, амалӣ сохтани асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии пешгирӣ, ошкор ва барҳам додани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, муносибсозии шакл, усул ва воситаҳои муқобилият бо коррупсия, васеъ намудани татбиқи чораҳои пешгирикунанда дар мубориза бо коррупсия, ҳамкорӣ бо сохтори ҷомеъаи шаҳрвандӣ, фаъол гардонидани ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бо коррупсия иборат мебошад.

Бо дарки ин маънӣ ва ҳисси масъулият, моро зарур аст тамоми кӯшишу ғайрати худро барои бартараф кардани ин падидаи номатлуб равона сохта, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардем.

***Маҳмудҷон Саидов,***
***ҳуқуқшиноси давлатӣ дар ноҳия***

*Қиссаи ҷолиб*



# ХУДОЁ, МАРО БУБАХШ

Як нафар марди мусалмон бо ахли оилаи худ кӯчида ба шаҳри аврупоии Лондон омад. Ҳар рӯз дар ҳамон як вакти муайян ӯ ба кор мерафту аз он тараф бо ҳамин автобусу ягона ронандаи он ба хона меомад. Рӯзе ӯ нархи чиптаро дароз карду сипас баьди бақияи пулашро гирифтан ба курсии холии автобус рафта бахузур нишаст. Бақияи пулашро ҳисоб кард. Ронанда аз бақияи пулаш зиёдтар ба миқдори 20 стерлинг дода буд.Ӯ аз дил гузаронид, ки ин пули зиёдатиро шояд ронанда иштибоҳ карда дода бошад ва баргардонидани он хатмӣ аст. Аммо боз фикр кард, ки «он қадар пуле нест. Аз ин тангаи ночиз ронанда бой намешавад. Шояд ин ризқи имрӯзаи ман бошад». Аммо вақти аз автобус ба истгоҳи назди хонааш фаромадан мард нороҳат шуду 20 стерлинг ро ба ронанда баргардонида гуфт:

-Марҳамат гиред пулатонро. Шумо бақияи пули маро зиёдатӣ додаед.

Ронанда 20 стерлингро гирифту бо табассум гуфт:

-Шумо мусалмон хастед? Ба шаҳри мо нав омадаед? Ман кайҳо боз мехостам, ки ба масҷид рафта бо мусалмонон суҳбат намоям ва аз дини ислом огаҳӣ дошта бошам. Ман барқасд ин пулро зиёдати ба Шумо додам, ки Шумо чи тавр рафтор мекунед?

Мард аз автобус шармида фаромаду дар хараки истгоҳ нишаста монд. Зонувонаш аз ҳаяҷону изтироб меларзиданд. Зери лаб шармсор мегуфт:

-Худоё, маро бубахш. Агар домони нафс мегирифтам, ман динамро гуё ба ивази 20 тангаи стерлинг мефурухтам. Худоё, маро бубахш.

***Тарҷумаи Шаҳлои НАҶМИДДИН***

# ИСТИҚЛОЛИЯТ – НЕЪМАТИ БАБАҲОСТ!

Миллати мо аз қадимулайём миллати озодпарасту озодихоҳ буд. Солҳои сол дар дил орзуи озодиро мепарварид. Бо амри тақдир ва бар асари таҳаввулоти фарогирии сиёсиву иҷтимоии ибтидои солҳои 90- уми асри гузашта халқи тоҷик баъди ҳазор сол аз нав ба эҳё ва эъмори давлати миллии худ ноил гардид. Истиқлолият дар таърихи ҳазорсолаи халқи тоҷик ин воқеаи хеле бузург буд. Вале Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои истиқлолияти худ дар раванди барқарорсозӣ ва ташаккули пояҳои давлату давлатдории нав, таъмини амнияту оромии ҷомеа, суботи сиёсиву иҷтимоии кишвар мардум бо мушкилоту монеаҳои сангин рӯ ба рӯ гардид. Халқи тоҷик аз ҷумлаи он миллатхоест, ки марзу буми худро хеле дӯст медорад, ва барои ҳастии он ҷоннисорӣ мекунад. Истиқлолият беҳтарин неъмат ва гаронтарин арзиш барои ҳар давлату миллат буда, омили аслии рушду тараққӣ ва заминасози ҳузур дар арсаи ҷаҳонӣ ҷиҳати инкишоф ва ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ ба шумор меравад.

Тоҷикистон давоми 30 соли Истиқлолият дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ташабусҳои ҷаҳонии ин шахсияти тавоно тавонист ҷойгоҳи шоистае дар арсаи байналмилалӣ барои худ касб намояд, чунонки акнун ҳеҷ гуна тасмимгирии дастаҷамъиро дар минтақа бе ҳузури фаъоли Тоҷикистон наметавон тасаввур кард. Имрӯз аз баракати истиқлол миллатеро бо номи тоҷик ва кишвареро бо номи Тоҷикистон кулли мардуми сайёра мешиносад ва дар арсаи ҷаҳонӣ мақоми хосаеро дорост.

Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатии худро эълон кард ва бо ин саҳифаи наве дар ҳаёти мардуми мо кушода шуд. Тоҷикистон соҳиби Истиқлолият гардид. Истиқлолияте, ки орзӯи ҳамешагии ҳар миллати озода аст ва бе доштани он ҳама гуна дастовардди иқтисодиву иҷтимоӣ комил нахоҳад буд.

Даврони Истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзуояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд. Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Тамоми сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки сӣ сол қабл аз ин нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардидем.

Воқеан ҳам Тоҷикистон тавонист дар даврони соҳибистиқлолии худ бо роҳбари арзандаву сулҳпарвараш баҳри рушди кишвар чораҳои зарурӣро андешад. Дар даврони истиқлолият Тоҷикистон аъзои чандин созмонҳои байналмилалӣ гардид. Равобити дуҷониба ва бисёрҷонибаро қариб бо тамоми кишварҳои дунё ба роҳ монда, баҳри боз ҳам рушд намудани сиёсати хориҷӣ, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва дигар соҳаҳои мухталифи кишвар корҳои арзандае ба сомон расонида шуд.

Акнун замони он расида буд, ки мардум бо диди тоза ба оянда нигаранд, дидаи умед ба фардои беҳтар, фардое, ки сарнавишти худро бо дастони худ бисозанд ва вобастаи касе набошанд. Душманони аёну ноаён дар тӯли таърих ба ин сарзамин ва ба ин миллате, ки аз азал соҳиби воқеии ин



*ИБРОҲИМЗОДА Исроил., судяи суди ноҳияи Қубодиён*

марзу бум аст, нигоҳи бадхоҳона доштанд. Онҳо намехостанд, ки миллате ки номардиҳои таърихро таҳаммул карда ва бо орзуву умеди чандинҳазорсолаи худ, ки тавонист давлати нав бунёд кунад дар ҷой қарор нишинанд. Бо ин мақсадҳои нопоку разилонаи худ нотавонбинон ва хоинони миллат, давлати тозаистиқлоли Тоҷикистонро ба вартаи ҷанги нанговари шаҳрвандӣ тела намуданд. Қариб буд давлате, ки нав дар харитаи сиёсии ҷаҳон намудор шуда буд, пора пора намоянд. Ин ҳама ҳодисаву воқеаҳое, ки дар даврони нав истиқлолият ба даст овардани Тоҷикистони азиз буд, ҳеҷгоҳ аз хотираҳо пок нахоҳад шуд. Аммо душманони кишвар натавонистанд ба ин мақсади ифлоси худ расанд. Миллате, ки решаи бунёдии он аз умқи таърих манша мегирад фарзандонеро тавалид мекунад ки ҷонашро баҳри пойдории сулҳу субот ва оромии давлату миллат фидо мекунад. Ҳамин тавр моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арсаи сиёсат шахсияте пой ниҳод, ки дастовардҳои минбаъдаи кишвар ба номи ӯ иртиботи ҳамаҷониба доранд. Аз рӯзи Сарвари давлат интихоб гардидани фарзанди барӯманди миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми фишангҳои ҳокимият асосҳои сохтори конститутсионӣ, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар роиҷ гардида, пули миллӣ ба муомилот баромад ва шиносномаи миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардид. Мо яке аз рукнҳои асосии давлатдории мустақил – Артиши миллӣ ва нерӯҳои сарҳадиро таъсис дода, ҳифзи марзу буми Ватан ва сарҳади давлати худро таҳти назорати доимӣ гирифтем. Чунонки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат, Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Яке аз муҳимтарин дастовардҳои мо дар даврони истиқлолият давлатсозӣ ва давлатдории муосири миллӣ мебошад, ки моҳиятан шакли ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявиро дорад».

Душвортарин муаммои мо дар зарфи сӣ сол ин масъалаи истиқлолияти энергетикӣ буд, ки баъди ба низом даровардани сохторҳои ҳокимият роҳбари давлат ҳамарӯза бо он машғул мешуд. Албатта, раванди бонизоми пешрафти иқтисодиёт ва инкишофи ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ дар шароити имрӯза асосан аз истиқлолияти энергетикиву коммуникатсионӣ ва вусъат пайдо кардани роҳсозӣ вобастагии амиқ дорад. Бинобар ин нахустин иқдомҳои Ҳукумати Ҷумҳурӣ оғоз бахшидан ба сохтмони нақби Анзоб буд. Сарвари давлат дар ин кор ибтидои ҳама бунёдкориҳои роҳсозию коммуникатсияро дида, дариҷаи наҷотро низ дар он дарёфта буд. Дар роҳи таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, амнияти озуқаворӣ, ки ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат мебошанд, бо сохтмони нерӯгоҳҳои хурду калони барқи обӣ, хатҳои интиқоли қувваи барқ, туннелҳо, шоҳроҳҳову пулҳои байналмилалии мошингард ва даҳҳо иншооти азими инфраструктураи иҷтимоӣ натиҷаҳои нек ба даст оварда шуданд.

Бунёдкориву созандагӣ дар ин самтҳо вусъати тоза пайдо карданд. Дар доираи Барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи нергоҳҳои хурди барқӣ дар давраи солҳои 2009-2020 даҳҳо неругоҳи обии хурд сохта ба истифода дода шуд. Аз ҷумла, сохмони нерӯгоҳҳои барқи обии «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2», ба охир расонда шуд, ба истифда додани марказҳои гарму барқдиҳии Душанбе 1 Душанбе 2 ва ба кор даровардани ду агрегати неругоҳи барқи обии Роғун агрегати якум 16 ноябри соли 2018 ва агрегати дуюм 9 сентябри соли 2019 ба кор даровarда шуда, он алҳол ба манфиати халқ хизмат мекунад.

Доир ба раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ як силсила тадбирҳои мушаххас амалӣ шуда, сохтмонҳои қитъаҳои алоҳидаи роҳҳои мошингарди Душанбе – Хоруғ – Мурғоб, Душанбе – Рашт – Саритош, нақбҳои автомобилгарди Истиқлол, Шаҳристон, Шоҳроҳи Душанбе – Хуҷанд – Чаноқ, нақби Шаршар ва ғайра ба истифода дода шуданд. Баъди истифодаи роҳҳои бузурги байниминтақавӣ имкон фароҳам омад, ки ҳаракати нақлиёт дар дохили мамлакат ва берун аз он тамоми фаслҳои сол имконпазир гардад ва дар ин замина вазъи равуо ва боркашонӣ ба манотиқи гуногуни кишвар сад дар сад беҳтар шавад.

Самараи неки истиқлол аст, ки имрӯз Тоҷикистон дар дунё чун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта шудааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон - манбаи омӯзиши сулҳхоҳони ҷаҳон гашт, ки боиси ифтихори ҳар як қавми тоҷикмиллат аст. Мо бояд аз ин миллати баруманд биболему барои боз ҳам машҳуртар гардидани он кушишу ғайрат намоем.

Аз ин лиҳоз, орзу мекунам, ки 30 соли Истиқлолият чун 30 зинаи камолоти миллату давлат дар дили ҳар як фарзанди бонангу номуси Тоҷикистон оташи меҳр, ҳамдиливу ҳамфикриро фурӯзон нигоҳ дорад ва донаҳои умеду эътимодро ба фардои неки Ватан ба нумӯъ оварад.

Бигзор, Истиқлолияти давлати тоҷикон, ки атои Худовандӣ ва пайки ҷовидонист, чун қуллаҳои сарбаланди кишвар устувору поянда бошад!

## ЭЪЛОН

Дар суроғаи ҷамоати деҳоти ба номи И.Ниёзов деҳаи Чорбоғ, дар сари шоҳроҳ, назди варзишгоҳи “Пахтакор” ағозаи душёнаи фуруши маводҳои ғизойи соҳибкор Далатов Ҷамшед 2-нафар фурушандаро новобаста аз ҷинсият, ки таҷрибаи фурушандагӣ доранд ба кор даъват мекунад.

**Музди маош 1.500 сомонӣ вобаста ба фуруши маҳсулот дода мешавад.**

**Тел: 93-516-66-33**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД.

Номаи камоли гумшудаи силсилаи Т-ШТУ №122349, ки онро МТМУ-и №19-и ноҳияи Қубодиён ба Садиков Фахриддин Панҷиевич додааст, эътибор надорад.

# ТАВАҶҶУҲ!!! ОБУНА 2022

## БА РӮЗНОМАИ «ТАХТИ ҚУБОД» ОҒОЗ ШУД!

**Рӯзномаи “Тахти Қубод” нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён, минбари розу ниёз ва инъикосгари дастоварду комёбиҳои Шумо;**

**-Равзанаи ошноӣ бо шахсиятҳои муваффақу соҳибмақоми ноҳия;**

**-Оинаи таҷаллии истеъдодҳои нодир;**

**-Пулест миёни мақомоти иҷ-роияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва мардум;**

**-Беҳтарин таҳлилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ вафарҳангӣ;**

**Ягона минбарест, ки баҳри рушди ҷомеа, эҳёи ҳисси миллӣ ва тафаккури хештаншиносии мардум хизмат мекунад.**

**Рӯзномаест, ки чун оинаи ибратбин воқеияти ҳаётро ҳамаҷониба инъикос карда, шуморо ба накукорӣ ҳидоят мекунад.**

**Ба “Тахти Қубод” обуна шуда, беҳтарин матлабҳоро, ки дар рӯзгори Шумо ба кор меоянд, мутолиа намоед.**

**Суратҳисоби рӯзномаи “Тахти Қубод”-20297260081335200**

**ИНН 320000462**

**МФО 350101626**

**К/С 20402972316264**

**Филиали №52- Амонатбонк дар ноҳия.**

**Ашхоси алоҳида ва корхонаву муассисаҳо низ метавонанд тариқи ин суратҳисоб ё мустақиман дар идо-**




**раи нашрия обуна шаванд.Ҳамзамон аз тамоми ташкилоту муассисаҳо хоҳиш менамоем, ки маблағҳои обунаро танҳо ба суратҳисоби рӯзнома ирсол намоянд.**

**Нархи солонаи обуна 50 сомонӣ.**

ТАХТИ ҚУБОД
Муассис: Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён

САРМУҲАРРИР
*САЙФУЛЛОЗОДА АДОЛАТ*

Нишонии мо: 735191, н.Қубодиён, кӯчаи И.Сомонӣ 200.

Рӯзнома 07.01.2019. таҳти №119рз-97 дар Вазорати Фарҳанги ҶТ ба қайди давлати гирифта шудааст.

Рӯзнома ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳо чоп мекунад, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ метавонад мувофиқат накунад ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад, дастхат ва суратҳо баргардонида намешавад.

**Телефон барои тамос: 93-842-36-25**

**Рӯзнома бо теъдоди 3300 нусха дар матбааи «Мега-принт» нашр шуд.**

**“Матлабҳои хонданбобро аз саҳифаи фейсбукии мо саривақт дастрас ва истифода карда метавонед”**

CMYK